«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ
профессор Ғаффорӣ Н.У.

______________________

«28» августи соли 2019

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи«Юсуф ва Зулайхои Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик аз тарафи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи анҷом додани рисола Ҷавхарова Муҷибахон Одиловна унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон буд. Ӯ соли 1993 факултетии журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси журналист хатм кардааст.

Аз соли 1993 дар мактаби тахсилоти миёнаи умумии №27-и деҳаи Чоркӯҳ, аз соли 2005-2010 директори мактаби мазкур, солхои 2010-2014 сардори раёсати маорифи шахри Исфара, солхои 2014-2015 сармутахассиси шуъбаи кадри дастгохи раиси шахри Исфара, солхои 2015-2016 ёвари директори кулли "Ангишт", 2016-2018 муовини директори филиали Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара ва аз соли 2018 то инҷониб директори муассисаи мазкурро ба ухда дорад.

Аз соли 2017 унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон буда, зери роҳбарии доктори илми филология, профессор Худойдодов Аъзам Овлододович диссертатсияи номзадиашро дар мавзӯи«Юсуф ва Зулайхои Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдурахмони Ҷомӣ" ба анҷом расонид.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз 20.04.2017, карори №7 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Ҷавхарова Муҷибахон Одиловна таҳқиқоти комилу ба анҷомрасидаи илмӣ буда, мавзӯи он дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалист. Диссертатсия ба фарогирии маводи тоза, дорои навгониҳои хоси илмист. Диссертант пажӯҳиши худро бар пояи меъёрҳои муосири илмӣ ва бо забони хуби илмию назарӣ ба анҷом расонидааст.

Диссертатсияи номзадии Ҷавхарова Муҷибахон Одиловна бо масъалагузориҳои ҷолиби илмӣ, муҳокимарониҳои муфассал ва ҳалли бонизоми проблемаҳои мавриди назар тафовут дорад. Тадқиқоти мазкур дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалӣ буда, он дар самти омӯзиши таърихи адабиёт, бахусус тахлили қиёсии достони "Юсуф ва Зулайхо" – Ховарии Шерозӣ бо достони хамноми Абдураҳмони Ҷомӣ сухани тоза ва икдоми шоиста аст, чунки мавзӯи муқоисаи достонҳои хамноми мазкур аз масоили муҳим ва мубрами адабиётшиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсияи Ҷавхарова Муҷибахон Одиловна муҳимтарин масъалаҳои достони "Юсуф ва Зулайхо" дар адабиёти классикии тоҷикии форсӣ, хоса "Юсуф ва Зулайхо" – Ховарии Шерозӣ бо шеваҳои таҳқиқи таърихӣ - қиёсӣ ва поэтикию сохторӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муҳимияти мавзӯи рисоларо боз маъруфияту маҳбубияти хоси достони "Юсуф ва Зулайхо" дар байни аҳли адаби гузаштаю ҳозираи халқҳои ориёнажод таъйид менамояд.

**Арзиши илмии** диссертатсия боз дар он зоҳир мешавад, ки қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» бо фарогирии мавзӯъ, банду баст, сохтор, силсилаи образҳо, сюжети қолиб аз осори комили адабӣ ва ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба достонҳои ҳамном ҷавоб гуфтан баъд аз эҷоди «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ бештар паҳн гардидааст ва то қарни бистум идома ёфтааст. Ба достонҳои ҳамном ҷавоб гуфтан ин як тақлид ё пайравии оддӣ нест, балки як навъ санҷиши маҳорату малака, қувваи эҷодӣ ва донишу ҷаҳонбинӣ аст ва бо шоирони бузурги мубтакир ҳампанҷа шудан дар асрҳои миёна аз камоли ҳунар маҳсуб меёфт, ки ин санҷиши маҳорат ба рушди достоннависӣ низ сабаб мегардид.

**Аҳамияти мавзӯи** тадқиқшаванда дар он ифода мегардад, ки бори нахуст масъалаҳои мухтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин мебошанд, дар муқоиса омӯхта мешаванд ва ба тарзи муқоиса омӯхтан ва пажӯҳиш намудани достонҳо аз усули санҷидашуда ва меъёри хуби адабиётшиносӣ аст. Нуктаҳои дигаре, ки аҳамияти мавзӯи тадқиқшавандаро бозгӯӣ мекунанд, пажӯҳиши муқоисаи монандӣ ва фарқи достонҳо, таҳлили ғоявӣ ва образҳои марказии достонҳо ва таҳлили вежагиҳои услубӣ ва бадеии асарҳои ҳамном мебошад.

**Навгонии илмии тадқиқот** пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи муқоисавии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бори аввал ба шакли монографӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи муқоисавии ду достони ҳамном мебошад.

**Арзиши муҳими назарии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки масоили омӯзиш ва тадқиқи муқоисавии достонҳои ҳамном дар фазои умумии адабиётшиносӣ ҳаллу фасли чаҳор ҳадафи заруриро дар бар мегирад: 1) достонҳои ҳамном дар муқоиса таҳлил ва тадқиқ карда мешаванд; 2) дар омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном ҳунар ва қудрати эҷодии шоири

ҷавобгӯянда муайян мегардад, ки то куҷо дар эҷоди достон муваффақ гардидааст; 3) бо шоирони мубтакир дар муқоисаи эҷодӣ қарор доштан дар густариши минбаъдаи адабиёт ва раванди адабӣ муфид аст; 4) ба достони ҳамном ҷавоб гуфтан ҳаргиз тақлиди маҳз нест ва пайравиву истиқболи эҷодкорона аст. Аҳамияти назарии тадқиқот - тадқиқоти муқоисавии достонҳои ҳамноми «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро дар бар мегирад, ки як самти муҳими адабиётшиносӣ мебошад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ба дастомада метавонад ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар самти сарчашмашиносӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ ва таъсири Қуръон ба адабиёти форсии тоҷикӣ ва ғайра истифода шавад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки истифодаи методология ва методикаи мушаххаси муқоисавии достонҳои ҳамном дар адабиётшиносӣ аз омили муҳими муайянкунии ҳунари шоирон аст, ки кадоме аз онҳо муваффақ шудаанд ва ҷойгоҳу мақоми шоири ҷавобгуфта ба таври мушаххас муайян мегардад. Баъд, ба сюжетҳои фолклорӣ ва қиссаҳои муътабаре, ки дар китобҳои Таврот ва Қуръон омадаанд ва шоирони зиёд дар асоси ин сюжетҳо достонҳо ва асарҳои алоҳида ба назму наср офаридаанд, рӯ овардани шоирони давраҳои баъдӣ як навъ мусобиқаи ҳунарӣ ва эҷодӣ аст. Дигар, маводу хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад дар таҳия ва навиштани китобҳои дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ, омӯзиши давраҳои мухталифи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳангоми таҳияи комплексҳои таълимӣ-методӣ ва курсҳои махсус дар донишгоҳҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсус, дар мавриди навиштани мақолаҳои илмӣ ва адабӣ, дастур ва барномаҳои таълимӣ ва навиштани диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ истифода шавад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна тадқиқоти комил ва анҷомёфта мебошад. Автореферат ва

мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пурраги ифода месозад. Мухтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмии диссертант, инъикос ёфтааст, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Ҷавхарова М.О.Манбаъҳои масеҳии достонхои "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерози ва Абдурахмони Ҷоми/ Ҷавҳарова М.О.//Паёми донишгохи омузгори. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни. Маҷаллаи илми (бахши илмҳои ҷомеашиноси, гуманитари ва филологи). –Душанбе, 2019. -№1 (78). С. 204-208.

2. Ҷавҳарова М.О.Сарчашмаҳои достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерози ва Абдурахмони Ҷоми /Ҷавҳарова М.О. //Паёми донишгохи омузгори. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни. Маҷаллаи илми (бахши илмҳои ҷомеашиноси, гуманитари ва филологи). –Душанбе, 2019. -№2 (78). С. 265-267.

3. Ҷавҳарова М.О."Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерози / Ҷавҳарова М.О.//Номаи донишгоҳ.- Хуҷанд, №4 (61), 2019 С. 160-178.

Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна таҳти унвони «Юсуф ва Зулайхои Ховарии Шерози ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷоми" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамояд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айни қабул шудааст. Дар ҷаласа 13 нафар устодон иштирок дошта, 13 нафар овоз доданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-13 нафар; «бетараф»-нест; «муқобил»-нест. Қарори №1, аз 28.08.2019.

**Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илми филология, профессор** Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

**Котиби илмӣ** **Самиева Нисо Шарбатовна**

**Суроға: 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.Тел.: +992 (37) 224 13 83**

E-mail:tgpu@mail.rj

www.tgpo.tj

**Имзои Ш.А.Солеҳов ва Самиева Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** Назаров Д.Қ.

**23.10. 2018 с.**